**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-032 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»-и**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ (*қарори Хукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295*)

Парвандаи аттестатсионии № ______________

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 08.07.с. 2026, № 10

Барои сазовор донистани Сафаров Ҷума Муминович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ. Диссертатсияи "Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон" аз рӯйи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология, ба ҳимоя 27.04.2026 қабул карда шуд, протоколи №8 шурои диссертатсионии 6D.КОА-032 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (734026, ш. Душанбе, кӯчаи Сино, 29-31), ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №450/шд аз 02.12 соли 2024 тасдиқ гардидааст, қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сафаров Ҷума Муминович соли 1979 санаи таваллуд, факултети Нигоҳдории тандурустии ҷамъиятии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино-ро дар соли 2003 хатм намуда, дар соли 2007 аз курси тахассусгирии аввалияи духтури сироятшинос давоми ду сол дар заминаи МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандон дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омӯзиш кардааст.

Солҳои 2007-2019 духтури шуъбаи 4-уми МД “БКШБСК”-и ш. Душанбе кор кардааст. Аз соли 2019 ба ҳайси мудири шуъбаи ҳамин беморхона фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои тиббӣ, профессор Талабзода Муҳаммадали Сайф, профессори кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Каримов Сайфуддин Сайтоҷович – доктори илмҳои тиббӣ, директори МД «Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо бемориҳои тропикӣ» ВТ ҲИА ҶТ.

Сатторов Сафархон Сайдамирович - номзади илмҳои тиббӣ, директори "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО ва гепатитҳои парентералии вирусӣ" ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд, Ҷумҳурии Узбекистон

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд, д.и.т., профессор Кубаев А.С., котиби илмии донишгоҳ, д.и.т, дотсент Очилов У.У., мудири кафедраи эпидемиологияи донишгоҳ, доктори философия (PhD) Маҳмудова Л.Б. имзо гардида, аз ҷониби ректори донишгоҳ, д.и.т., профессор Ризаев Ж.А. тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, маълумоти нав ва амалии муҳимро оид ба мушкилоти гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакон дар бар мегирад, ки бо навоварии илмӣ, асоснокии назариявӣ ва арзиши баланди амалӣ барои тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 8 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ҳаҷми умумии 1,5 саҳифаи чопӣ, сахми муаллиф – 85% мебошад.

**Асарҳои муҳимтарин дар мавзӯи диссертатсия:**

1. Сафаров, Ҷ.М. Басомади паҳншавии бемориҳои паразитӣ дар кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.М. Сафаров // Илм ва фановарӣ. - 2024. - №4. - Саҳ. 107-112.
2. Сафаров, Ҷ.М. Омилҳои иҷтимоӣ ва маишии паҳншавии гелминтозҳо дар кӯдакон [Матн] / Ҷ.М. Сафаров, М.С. Талабзода, Х.Б. Давлатзода// Авҷи Зуҳал. - 2025. - №3. - С.83-89.
3. Сафаров, Дж.М. Влияние поведенческих факторов на частоту и интенсивность распространения гельминтозов у детей [Матн] / Дж.М. Сафаров, М.С. Талабзода, А. Вохидов// Наука и инновация. - 2025. - №2. - С. 13-18.
4. Сафаров, Ҷ.М. Паҳншавии гелминтозҳои рӯдавии кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.М. Сафаров, М.С Талабзода, Р.А. Турсунзода // Евразийский научно-медицинский журнал «Сино». - 2025. - Том 6. - №3. - С.130-138.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

- Одинаев Ниёз Сафарович - доктори илмҳои тиббӣ, профессори кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятии ДМТ - эрод нест;
- Раҳмонов Ҷамшед Эркинович - номзади илмҳои тиббӣ, дотсент - мудири кафедраи Бемориҳои сироятии МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”- эрод нест.
- Шарипов Азизулло Содирович - номзади илми тиббӣ, муовини директор оид ба корҳои илмӣ-методӣ, инноватсия ва робитаҳои байналмилалии МДТ “Коллеҷи тиббии Ҷумҳуриявӣ” - эрод нест.

Дар шарҳҳо аҳамияти мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда қайд карда шудааст. Инчунин зикр мегардад, ки кори диссертатсионии Сафаров Ҷума Муминович, дар мавзӯи

“Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон” таҳқиқоти анҷомёфта, амалан муҳим буда, ба ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология мувофиқ аст, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешаванд, ки онҳо бо дастовардҳои худ дар соҳаи эпидемиология, корҳои илмӣ дар ин самт маъруфанд ва дар ин мавзӯъ нашрияҳои илмӣ доранд ва онҳо метавонанд ба кори диссертатсионӣ аз рӯйи муҳимият, аҳамияти назариявӣ ва арзиши амалиаш баҳои холисона диҳанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад**, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

**коркард карда шуд** дараҷаи гирифторшавӣ ба бемориҳои гелминтӣ дар ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ **омӯхта шудааст** ва бо дараҷаи гирифторшавӣ ба гелминтозҳо дар дигар минтақаҳои мамлакат **муқоиса карда шудааст**;

дараҷаи гирифторшавии кӯдакон бо бемориҳои гелминтӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ **ошкор менамояд**, ки дар асоси он **пешниҳод шудааст** усули баланд бардоштани самаранокии назорат кардани онҳо аз тарафи мутахасисони соҳа;

**исбот шудааст, ки** омилҳои асосии хавф ба паҳншавии гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакон таъсири назаррас мерасонанд;

**ҷорӣ намудани** маҷмуи чораҳои пешгирии паҳншавии гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакон барои истифода дар амалия коркард карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст,** ки: **исбот намудани** қонуниятҳои рушди раванди эпидемиологӣ дар байни кӯдакон, омилҳои асосии хавфи паҳншавии гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакони ҷумҳурӣ.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок

**баён шудани** маълумотҳои нави илмӣ дар бораи гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакон;
**ошкор гардидани** омилҳои асосии хавф, теъдоди кӯдакон дар оила ва таъсири онҳо ба паҳншавии гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакон;
**омӯхта шуданд** таъсири омилҳои хавфи гирифторшавӣ ба бемориҳои гелминтӣ дар кӯдакони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣи ва хусусиятҳои клиникию гематологии онҳо;
**аз нав такмил додани** маҷмуи чораҳои пешгирии паҳншавии гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакон коркард карда шудааст;

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:
коркард ва ҷорӣ карда шудаанд тавсияҳои илмии асоснок оиди пешгирии гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакон;
**муайян карда шуданд** омилҳои асосии хавф, хусусиятҳои паҳншавии гелминтозҳои рӯдавӣ дар кӯдакони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ:
**офарида шуд** маҷмуи чораҳои пешгирии паҳншавии бемориҳои гелминтӣ дар байни кӯдкони шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
**муаррифӣ карда шуд** натиҷаҳои омӯзиши дараҷаи гирифторшавӣ ба бемориҳои гелминтӣ дар шаҳри Душанбе дар муқоиса бо дараҷаи гирифторшавӣ ба гелминтозҳо дар дигар минтақаҳои мамлакат.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки:
**назария** ба маълумоти адабиёти санҷидашуда асос ёфтааст ва бо корҳои нашршудаи дигар муҳаққиқон мувофиқат мекунад;
**ғоя асоснок шудааст** таҳлил, ба қайд гирифтан ва истифода бурдани маълумотҳои омории гирифторшавӣ ба бемориҳои гелминтӣ;
**истифода шудаанд** таҳқиқи 415 кӯдаконе, ки дар давраи солҳои 2019-2024 дар МД "БКШБСК ш. Душанбе" бистарӣ ва муоина шудаанд, инчунин маълумотҳои гирифташудаи адабиётҳои муқоисавии муҳаққиқони мамлакатҳои дур ва наздик мувофиқи мавзӯъ;

**муайян шудаанд**, ки дар байни кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи миёнаи одамоне, ки ба бемориҳои гелминтӣ гирифтор мешаванд, аз 1 фоиз зиёд буда, дар як сол аз 50 ҳазор нафар зиёд нест. Ҳадди аксар гирифтории гелминтозҳо дар байни кӯдакони аз 4 то 14 сола ба қайд гирифта шудааст. Дар шаҳри Душанбе вазни қиёсии кӯдакони гирифтори бемориҳои гелминтӣ аз ҳисоби умумии ҷумҳурӣ аз 2 фоиз зиёд нест.

**истифода шуданд** усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, микдори кофии маводи клиникӣ ва давраҳои мушоҳидаи дуруст интихобшуда, ки аз ҳадафҳои таҳқиқоти диссертатсия бармеоянд;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** аз иштироки ӯ дар тамоми марҳилаҳои раванди таҳқиқот иборат аст: таҳияи тарҳрезӣ, банақшагирӣ, ҷамъоварии маълумот, коркарди омории маълумоти гирифташуда ва тафсири натиҷаҳо, омода намудани нашрияҳои илмӣ, гузоришҳо ва ҳалли техникии ин мавзӯъ.

Дар маҷлиси аз 08 июли соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Сафаров Ҷума Муминович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои дисертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар. Овоз доданд: тарафдор - 12, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиббӣ, профессор Раҳманов Эркин Рахимович

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиббӣ Усмонӣ Гулнора Муқим

«08» июли 2026

ИМЗОИ/ПОДПИСЬ Рахманов Э.Р.
Усмонӣ Г.М.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УМК
“ ” 20 с/г